**Такриз**

**ба диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Таҳқиқи муқоисавии истилоҳоти соҳаҳои мухталиф дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои умда ба шумор меравад, зеро рӯз аз рӯз дар ҷомеи тағйиротҳои нави илмиву фарҳангӣ ба вукуъ омада ба таркиби луғавии забон таъсири калон мерасонанд.

Диссертатсияе, ки аз ҷониби Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» таълиф гардидааст, маҳз ба таҳқиқи муқоисавии истилоҳоте, ки то ба имрӯз ба таври бояду шояд таҳқиқ нагардидааст, бахшида шудааст. Гарчанде ки дар забони тоҷикӣ ин анвои истилоҳот дар шакли маколаҳои ҷудогона ва рисолаҳои хурдҳаҷм таҳқиқ шуда бошад ҳам, аммо муқоисаи он ба забони олмонӣ бори нахуст ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад.

Мубрамияти диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки то ба имрӯз омӯзандагони забонҳои тоҷикиву олмонӣ дар раванди тадриси забони олмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ ба истеъмоли луғоту вожаҳои номувофиқу нодуруст рӯ ба рӯ мешуданд ва таълифи диссератсияи мазкур саривақтӣ буда, муаллиф дар он шакли ягонаи истилоҳоти забоншиносиро дар ҳар ду забон пешниҳод намудааст.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсияро метавон дар фаслҳои дахлдори курсҳои таълимии забоншиносии умумӣ ва муқоисавию таърихӣ, лексикологияи ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам забони олмонӣ, дар услубшиносӣ, истилоҳшиносӣ, ҳангоми тартиб додани луғатҳои истилоҳотӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ оид ба истилоҳшиносӣ, забоншиносии умумӣ, инчунин дар раванди тартиб додани луғатҳо оид ба истилоҳоти забоншиносӣ истифода намуд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст. Дар муқаддима мубрамӣ ва аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои он тасвият шудааст, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот номбар гардида, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, методология, инчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия ба таҳлили муқоисавии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бахшида шуда, чор фаслро дар бар мегирад. Дар боби мазкур муаллиф истилоҳоти овошиносии забонҳои муқоисашавандаро нахуст таснифоти мавзуӣ намуда, баъдан, ҳар яки онҳоро вобаста аз рӯйи ҷузъҳояшон ба якҷузъаву бисёрҷузъа ҷудо намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти мансуб ба сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ роҳандозӣ шудааст, ки муаллиф ҳар як истилоҳи марбут ба сарфро аз нигоҳи шаклу маъно таҳлилу муқоиса кардааст.

Боби сеюми диссертатсия ба таҳлил муқоисавии хусусиятҳои сохториву маъноии истилоҳоти мансуби наҳви забонҳои тоҷикӣ ва олмони бахшида шудааст.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххас ба охир расидаанд. Хулосаҳои умумии худро муаллиф дар 12 банд ҷамбаст намудааст.

Дар баробари дастовардҳои назаррас ба эътибор гирифтани баъзе эродҳое, ки дар зер оварда мешаванд, барои беҳтар намудани сифати илмию амалии диссертатсия мусоидат хоҳад кард:

1. Агар муаллиф ба таҳлили решашинохтии истилоҳоти забоншиносӣ дар ҳар ду забон рӯ меовард, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам болотар мегардид, зеро миқдори зиёди истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ баромади арабӣ ва истилоҳоти забоншиносии олмонӣ баромади юнониву лотинӣ ва франсавӣ доранд.

2. Дар бархе аз саҳифаҳои рисола (37, 43, 52….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

Ёдовар бояд шуд, ки камбудиҳои ишорашуда ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиши илмии диссертатсия таъсири манфӣ нахоҳад расонид, зеро он дар сатҳи баланди илмӣ таълиф гардидааст.

Хулоса, диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна кори илмии баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриздиҳанда;
номзади илми филология, и.в. дотсенти
кафедраи забони давлатӣ ва забонҳои муосири
хориҷии Донишкадаи технология ва менеҷменти
инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич

«Имзои н.и.ф., Ш.Ш. Гуламадшоев-ро тасдиқ мекунам»:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корғузорӣ Шокиров Қодирхон Бедирхонович

«30» январи соли 2024

**Суроғаи муассиса:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, маҳлаи Борбад
Тел: +992(83322) 2-13-67;
E-mail: detmik@list. ru;
Сомонаи расмӣ: www.detmik.tj.